## Тақризи

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент Султонзода Соқӣ Аслон ба диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзӯи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2023. – 167 саҳ.**

Аз рӯзе, ки ҷомеаи инсонӣ арзи ҳастӣ кардааст, дар он масоили риояи адолати иҷтимоӣ, ки реша дар баробарии иҷтимоӣ дорад, муҳим ба шумор меравад. Дар ҷомеа инсонҳо бо назару андешаҳои гуногун ва талаботи ба худ хоси моддию маънавӣ рафтор мекунанд, ки ин нобаробарии иҷтимоиро ба миён меорад. Вале дар баробари ин, ба хотири побарҷо мондани ҷомеа меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд, ки дар байни одамон баробарии иҷтимоиро таъмин менамоянд, то адолати иҷтимоӣ таъмин гардад ва ҷомеа рушду камол ёбад. Дар ин масъала донишмандону мутафаккирон аз аҳди бостон сар карда, то асрҳои миёна ва давраҳои минбаъда назару андешаҳои худро пешкаши мардум гардонидаанд, роҳҳои беҳтару хубтари роҳандозӣ кардани баробарии иҷтимоиро дар байни мардум тарғиб намудаанд.. Вале таъмини сартосарии баробарии иҷтимоӣ ва дар умум адолати иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир на ин ки роҳи ҳалли худро ҳанӯз ҳам наёфтааст, балки бо рушди глобализатсия, афзун гардидани аз ҳад зиёди шумораи аҳолӣ дар рӯи замин, кам гардидани захираҳои табиӣ, тағйир ёфтани иқлим, ба истилоҳ “Бозиҳои шадиди сиёсии абарқудратҳо”, рушди экстремизму терроризм ва ғ. боз ҳам печидатар гардидааст. Ин мушкилот олимону донишмандон, бахусус файласуфонро водор менамояд, ки сари масъалаи баробарии иҷтимоӣ бо назардошти вазъи ҷомеаи гузаштаи дур, миёна ва имрӯза андешаронӣ намоянд. Аз ин рӯ, дар ҳаллу баррасӣ ва бознигарии масоили марбут ба адолати иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоӣ диссертатсияи унвонҷӯй Салимов А.И. айни муддаост.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда** дар он зоҳир мегардад, ки диссертант проблемаи баробарии иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ ва озодии шахсро

на факат барои чомеаи кунунӣ, балки дар ҳамаи давру замон мубрам шуморидааст. Ба навиштаи диссертант тамоми таърихи инсоният, таърихи муборизаҳо барои адолат, озодӣ ва баробарӣ будааст. Муборизаҳо, идея ва идеалҳо оид ба ин масъала аз давраи қишрбандишавии муносибатҳои ҷомеа оғоз гардиданд, зеро маҳз ҳамин ба қишрҳои мухталиф ҷудо шудани ҷомеа сабабгори пайдоиши нобаробарии ичтимоӣ гардид. Дар меҳвари чунин раванд бошад, ҳаёти инсон меистод.

Диссертант таъкид менамояд, ки андешаҳо доир ба "давлати идеалӣ", "ҷомеаи идеалӣ" низ дар ҳамон даврае ба миён омаданд, ки инсоният баъди ташкили гурӯҳҳои авлодӣ ба муносибатҳои синфӣ дохил шуда, истисмори одамро аз тарафи одам ба вуҷуд овард. Мубрам шудани масъалаҳои нобаробарии сиёсӣ ва иқтисодӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба пайдоиши таълимоти маздакия, монавия дар Шарқи аҳди бостон ва назарияҳои гуманизм, либерализм, сотсиализм, коммунизм, феминизм, индивидуализм, интернатсионализм дар Ғарб шуруъ аз давраи Эҳё мусоидат намуда, сабаби инқилобҳои таърихӣ гардид.

Ба назари диссертант Салимов А. ҷаҳони муосир низ дар шароити мавҷуда ниёз ба як консепсияи умумиҷаҳонии адолат бо такя ба баробарӣ ва озодӣ дорад, зеро ин мафҳумҳо бо ҳамдигар алоқамандӣ дошта, маҳз таносуби баробарӣ ва озодӣ меъёри муайянкунадаи адолат дар ҷомеаи инсонӣ мебошад. Бале, ҳақ ба ҷониби диссертант аст, ки дар ҷаҳони имрӯза, ки дар он умумишавии арзишҳо ба воситаи глобализатсия рушди бемайлон дорад, мебояд, ки арзиши умумиҷаҳонии баробарии ичтимоӣ ва минбаъд адолати ичтимоӣ коркард ва пешниҳоди ҷомеаи башар гардад. Диссертант таъкид менамояд, ки алҳол аз коҳиш додани шиддати байналмилалӣ бо роҳи таъмини адолат дида, вазифаи муҳим ва мураккабтаре дар назди олимону сиёсатмадорон нест. Дар ин росто, инчунин бояд ба назар гирифт, ки ҳаёти амалии инсоният гувоҳ аст, ки мафҳумҳои "баробарӣ", "озодӣ" ва "адолат" дар асл на мафҳумҳои "мутлақ", балки "нисбӣ" ба шумор мераванд. Дар баробари ин, диссертант иброз медорад, ки дарк ва эътироф кардани хосияти диалектикии моҳият ва

зуҳуроти мафҳумҳои зикршуда факат чанбаи назариявӣ надорад. Бояд чунин идея, идеал ва назарияҳо ба ҳаёти амалии халкҳо наздикӣ дошта, утопияи хушку холӣ набошанд, ҳаёти инсониятро дигаргун созанд, онро рушд диҳанд.

Дигар нуктае, ки ба назари диссертант мубрамияти мавзуи интихобгардидаро илман асоснок менамояд он аст, ки мавзуи мавриди баррасӣ омӯзиш ва баррасии ғояҳои баробарӣ ва адолатро дар таърихи фалсафа, аз чумла, дар осори мутафаккирони бостонию асримиёнагии точик дар бар гирифта, барои ташаккули чомеаи демократӣ мусоидат менамоянд. Ба назари диссертант татбики амалии тасмими Точикистони соҳибистиклол дар бунёди чамъияти адолатпешаву озод, ки дар Конститутсияи чумҳурӣ ҳамчун ҳадаф эълон гардидааст, назари илмиро дар ин масъала талаб менамояд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти** диссертатсия аз таҳлилу баррасии масъалаи баробарии ичтимоӣ дар осори илмии файласуфон ва мутафаккирони точик дар даврони бостон ва асрҳои миёна мебошад. Диссертант ҳалли масъалаҳои зеринро мушаххасан ҳадафи худ карор додааст: таҳлили мафҳуми “баробарии ичтимоӣ” дар таърихи фалсафа, алокамандӣ ва таносуби ин мафҳум бо мафҳумҳои «озодӣ», “адолат”, “ҳукукҳои табиӣ” дар таърихи фалсафаи точик; муайян намудани чойгоҳи “баробарии ичтимоӣ” дар ҳалли масъалаҳои ичтимоӣ дар таълимоти файласуфони аҳди бостон ва асримиёнагии точик; баррасӣ ва арзёбии масъалаи идеяи баробарии ичтимоӣ дар таълимоти динҳои аҳди бостон ва мактабҳои фалсафию динии асримиёнагии точик (фалсафаи калом, исмоилия, машшоия); муайян намудани дарачаи таъсири зинаҳои шуурнокии ичтимоӣ ба рушди муҳити ичтимоӣ дар фалсафаи аҳди бостон ва асрҳои миёна; арзёбии тавсифи масъалаи озодӣ, гуманизм ва идеяи “ҳокими одил” ҳамчун асоси баробарҳукукӣ дар таълимоти машшоия; нишон додани накш ва чойгоҳи дин, илму маърифат ва ахлоки ҳамида ҳамчун омилҳои калидӣ барои таъмини адолат, озодӣ ва баробарӣ дар фалсафаи калом; муайян намудани таъсири чаҳонбинии фалсафӣ ва назариявӣ ба ҳукук ва сиёсати ичтимоӣ дар таърихи афкори мардуми Шарк; муайян намудани моҳияти ғояи баробарӣ дар таълимоти намояндагони аҳли тасаввуф ва мактабҳои ахлокӣ.

**Навгонии илмии кори** диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар он масъалаи ақидаҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи баробарии иҷтимоӣ ва нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври комплексӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, диссертант ба чунин натиҷаҳо расидааст:

- собит карда шуд, ки нуктаҳои назари мутафаккирон перомуни баробарӣ мухталиф буда, "баробарии сиёсӣ", "баробарии иқтисодӣ" ва "баробарӣ дар имконият" шарҳҳои гуногун дошта метавонанд;

- тасдиқ гардид, ки дар таълимоти маздакия "баробарии иқтисодӣ" асоси баробарии воқеӣ дониста шуда, инсонҳо дар имконият ва натиҷаҳои иқтисодӣ бояд баробар бошанд;

- муайян карда шуд, ки идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти намояндагони машшоияи шарқӣ аз ақидаҳои мутафаккирони Юнон ва Рими қадим сарчашма гирифта, хусусиятҳои хос дорад. Мутафаккирони тоҷик муътақиданд, ки "ҳокими одил" таъминкунандаи адолат ва баробарии иҷтимоӣ мебошад;

- исбот карда шуд, ки фазилат ва арзишҳои ахлоқии умумиинсонӣ, ки дар осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷик нишон карда шудаанд, заминаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат эътироф карда мешаванд;

- натиҷагирӣ шуд, ки идеяи баробарии иқтисодӣ, сиёсӣ, баробарӣ дар имконият ҳамчун асоси ҷомеаи боадолат дар таълимоти Маздак, Форобӣ ва Ҷомӣ дар шакли утопиявӣ таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ карда шудааст;

- муайян карда шуд, ки хушахлоқӣ ва муқаррароти динӣ меъёрҳое буданд, ки онҳоро мутафаккирони тоҷик заминаи баробарии иҷтимоӣ меҳисобиданд. Ба ақидаи онҳо "ахлоқи ҷамъиятӣ", "худшиносӣ", "гузаштан аз худ", "маҳкум кардани эгоизм" баробарии иҷтимоиро таъмин менамоянд;

- тасдиқ карда шуд, ки барои мутафаккирони тоҷику форс дин дараҷаи пойдорӣ, устуворӣ, хушбахтӣ, саодатмандии сокинон, соҳибмаърифатӣ, ҳисси адолатпарварӣ ва эҳсосоти баробариро дар рухи инсонҳо бедор месозад;

- хулосабарорӣ карда шуд, ки як қатор мутафаккирон, аз ҷумла, Ғаззолӣ, Мотуридӣ ва Ҳамадонӣ новобаста аз нобаробариҳои сиёсии замонаашон

тавонистаанд, ки идеяҳои диниро аз нигоҳи адолат, ақл, фаросат, хирад, баробариву бародарӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ шарҳ диҳанд;

- исбот карда шуд, ки идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик, гарчанде бо сабаби норасоиҳои муҳити иҷтимоӣ дар шакли ормонӣ зуҳур кардааст, аммо заминаи воқеӣ ва аҳаммияти башардӯстона дошта, метавонад инсонҳоро ба сӯи адолат, ҳақиқат, маърифат, худшиносӣ ва баробарӣ ҳидоят намояд.

Дар қисмати **нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, диссертант матлаби асосии таҳқиқоти худро дар 6 банд пешкаш гардонидааст ва бандҳои мазкур қобили қабуланд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот метавонанд ба ақидаҳои фалсафию иҷтимоии мутафаккирони тоҷику форс оид ба масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ равшанӣ андохта, дар асоси онҳо муҳаққиқон имкон пайдо мекунанд, ки паҳлуҳои дигари ин мавзуъро минбаъд мавриди муҳокима ва омӯзиш қарор диҳанд. Илова бар ин, маводи таҳқиқотӣ метавонад барои таҳқиқи ҷамъбастии масъала дар таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсатшиносӣ ва таҳияи маводи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

**Сохтори диссертатисия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти диссертант аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 167 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия **«Баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ ҳамчун категорияҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ ва инъикоси онҳо дар таълимоти динӣ ва фалсафии тоҷикони бостон»** номгузорӣ шуда, аз 2 зербоб иборат аст ва дар он асосан мафҳумҳои "баробарӣ", "адолати иҷтимоӣ", ҳамчунин масъалаҳои номбурда дар таълимоти зардуштия, монавия ва маздакия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби якум **“Моҳияти “баробарӣ” ва “адолати иҷтимоӣ” ҳамчун категорияҳои фалсафӣ”** баррасӣ гардида, умумияту фарқияти онҳо нишон дода шудааст. Дар шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои мазкур диссертант ба олимони ватанию хориҷӣ ва хусусан донишмандони маъруфи ҷаҳон чун Афлотун, Арасту, Ж.Ж. Руссо, Г.В.Ф. Гегел, К. Маркс ва дигарон такя кардааст. Ба навиштаи диссертант баробарии иҷтимоӣ дар таърихи афкори фалсафӣ-иҷтимоӣ умдатарин масъалаи назариявӣ буда, бо масъалаи адолати иҷтимоӣ робитаи қавӣ дорад. Дар ин мафҳумҳо ормонҳо, орзуҳо ва саъю кӯшиши мутафаккирон ва сиёсатмадорон дар самти бунёди ҷомеаи идеалӣ аз давраҳои то пайдоиши давлат ва баъд аз пайдо шудани он гирд омадаанд (саҳ. 16).

Зербоби дуюми диссертатсия мавзӯи **“Масъалаҳои баробарӣ ва адолат дар таълимоти динӣ-фалсафии бостонии тоҷик”**-ро дар бар мегирад. Диссертант дар ин зербоб, тавре қаблан ишора шуд, масъалаҳои “баробарӣ” ва “адолат”-ро дар таълимоти дини зардуштия, монавия ва маздакия, ки адёни қадимаи халқи тоҷик мебошанд, баррасӣ кардааст. Диссертант тавонистааст, ки бо овардани мисолҳо аз “Авесто” ва дигар сарчашмаҳо, чи гунагии масъалаи баробариро дар аҳди бостон нишон диҳад. Далелу иқтибосоти унвонҷӯй аз “Авесто” оварда ва таҳлилнамуда, бисёр ба марвид ва имрӯз ҳам дархӯри ҷомеа ба назар мерасанд. Хусусан андешаҳо дар мавриди ҳокими одил, баробарии марду зан ва маросими никоҳ бо номи “Гавоҳгирон” бисёр ҷолиби диққатанд (саҳ. 40).

Боби дуюми диссертатсия “**Масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ ва адолат дар таълимоти фалсафию динии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик**” номгузорӣ шудааст. Ин боб аз 4 зербоб иборат буда, асоси кори диссертатсиониро ташкил медиҳад ва масъалаи “баробарии иҷтимоӣ” аз назари якчанд мутафаккири мактабҳои гуногун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад. Дар зербоби аввали боби дуюм – **“Озодӣ, башардӯстӣ, баробарҳуқуқӣ ва идея дар бораи ҳокими одил ҳамчун асоси таълимоти машшоия оид ба баробарии иҷтимоӣ”** асосан назару

андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино мавриди таваҷҷуҳи диссертант қарор гирифтаанд. Унвонҷӯй дар такя ба Форобӣ менависад, ки фақат дар он ҳолат ҷомеа солим шуда метавонад, ки дар он баробарии иҷтимоӣ, саодати ҳақиқӣ, раёсати оқилонаю одилона пойдор ва инчунин низому сохтори он мувофиқи матлаб сурат гирад (саҳ. 59). Ҳангоми баррасии афкори Ибни Сино роҷеъ ба "баробарии иҷтимоӣ" унвонҷӯй ба асари вай "Тадбири манзил" бештар таваҷҷуҳ кардааст. Назари диссертантро каме дигаргун баён намоем он аст, ки ба фикри Ибни Сино баробарии мутлақи иҷтимоӣ номумкин аст. Ҳама наметавонанд, ки дар як вақт ҳокиму шаҳриёр шаванд ва ё ҳама тобеъу ғулом гарданд. Меъёри баробарии иҷтимоӣ дар доираи ақл ва тақозои табиату ҷомеа муқаррар карда мешавад.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **"Масъалаҳои баробарӣ ва адолат дар фалсафаи калом"** номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб бошад, диссертант Салимов А. асосан ба таҳқиқи назару андешаҳои Имом Ғазолӣ ва Абумансури Мотуридӣ доир ба адолату баробарӣ пардохтааст. Унвонҷӯй Муҳаммад Ғазолиро аз сарсупурдагони роҳи адолатпарастӣ нишон дода, вале мутаассифона фаромӯш кардааст, ки маҳз номбурда ва ҳаммаслакони ӯ, ба файласуфони табиатшиносе чун Ибни Сино ва Форобӣ зарбаи ҷонкоҳ зада, пеши роҳи тараққиёти илмҳои табиатшиносиро дар олами ислом гирфтанд ва танҳо омӯзиши теологияи исломиро ба роҳ монда, ба фанатизм ва ифротгароии динӣ роҳи фарох кушоданд, ки натиҷаҳои он, имрӯз ба ҳама маълум аст. Дар ҳар сурат, диссертант ба китоби М. Ғазолӣ "Насиҳат-ул-мулук" такя карда, дар боби адолат мисолҳои ҷолиби диққат меорад. Ба навиштаи диссертант Мотуридӣ паёмбаронро сиёсатмадорони беҳтарин дар олами инсонӣ дониста, онҳоро паёмбарон ва ҳомиёни адолату баробарӣ ва мунодии сулҳ меҳисобад (саҳ. 79).

Зербоби сеюми боби дуюми кори диссертатсионӣ **"Проблемаи адолати иҷтимоӣ ва баробарӣ дар таълимоти исмоилия"** ном дошта, диссертант дар он асосан назару андешаҳои Номири Хусравро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Барои нишон додани баробарии иҷтимоӣ ва адолат аз

нигоҳи Носири Хусрав унвонҷӯй ба осори адабию фалсафии мутафаккир такя карда, абёти назаррасро дар баробари иқтибосоти илмӣ-фалсафӣ овардааст. Ба қавли диссертант назари Носири Хусрав он аст, ки моҳияти таърихро дарки адолат ташкил медиҳад, ҳастии инсонро танҳо адолат таъмин мекунад (саҳ. 88). Ба таъкиди диссертант барои рушд ва таъмини адолат нақш ва мақоми имоми замон аз нигоҳи исмоилиён бесобиқа мебошад.

Зербоби охирони боби дуюм ба баррасии масъалаи **"Идеяи баробарии инсонҳо дар тасаввуф ва таълимоти ахлоқӣ"** бахшида шудааст ва дар таносуб ба дигар зербобҳо ба маротиб васеъ мебошад. Дар ин зербоб диссертант назару андешаҳои Унсурулмаолии Кайковус, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Абдураҳмонӣ Ҷомиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Албатта бо назардошти маҳдудиятҳои меъёри диссертатсия унвонҷӯй натавонистааст, ки андешаҳои дигар сӯфиёни маъруфро, лоақал Мавлонои Балхӣ, Саъдию Ҳофизро дар хусуси баробарии иҷтимоӣ ба риштаи таҳқиқ кашад.

Дигар нуктаи ҷолиби диссертатсия дар он аст, ки диссертант ҳангоми баррасии баробарии иҷтимоӣ аз назари аксар мутафаккирони тоҷик асосан аз се зовия: иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ ба масъала назар кардааст.

Тамоми бобҳою зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби илмӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари илмӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори мутафаккирони давру замонҳои гуногун гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзӯи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва таърихӣ омода намудааст.

Инчунин муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия аз методҳои илмӣ-фалсафии индуктивию дедуктивӣ, герменевтикию муқоисавӣ ва ғайра ба таври самаранок истифода бурдааст.

Дар хотимаи диссертатсия натиҷаву хулосаҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур бо фишурдаи (афтореферати) он ҳамоҳанг аст.

**Дар маҷмӯъ ба диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович** баҳои мусбат дода, ҳамин нуқтаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогиҳо ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад ва мо онро дар сатрҳои зерин ишора менамоем:

1. Ҳарчанд диссертант дар зербоби якуми боби якум фаркияти "баробарии иҷтимоӣ"-ро аз "адолати иҷтимоӣ" нишон медиҳад, вале ҳамоно дар назари хонанда ин ду мафҳум ҳамчун айни якдигар боқӣ мемонанд. Адолати иҷтимоӣ бошад дар таҳқиқоти олими тоҷик Муъмин Назар таҳқиқ шудааст, пас фарқ миёни диссертатсияи Самлимов А. ва олими номбурда дар чист?

2. Масъалаи баробарии иҷтимоиро ҳангоми баррасӣ кардан дар доираи ин ё он мактаб, диссертант ба андешаҳои як ва ё ду нафар мутафаккир банд шуда, аз дигар намояндагони мактабҳо ҳатто ном намебарад. Масалан, аз машшоиён, танҳо дар доираи таълимоти Форобию Ибни Сино, аз мактаби калом боҷад, танҳо Муҳаммад Ғазолию Мотуридӣ, аз исмоилия танҳо Носири Хусрав ва аз тасаввуф Унсурулмаолии Кайковус, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Абдураҳмонӣ Ҷомӣ маҳдуд шуда, масъалаи мавриди баррасиро аз нигоҳи дигарон на ин ки баррасӣ накардааст, балки ҳатто номашонро ҳам ёд накардааст.

3. Таносуби байни зербобҳо то андозае нобаробар аст. Аксар зербобҳо аз 13 то 23 саҳифа, вале зербоби охирони боби дуюм то 50 саҳифа мебошад.

4. Баъзан дар матн иқтибосҳо аз номи дигар кас, вале дар поварақ номи дигар кас оварда шудааст. Масалан, иктибос аз Афлотун, вале поварак аз Идиев Х.У. (Саҳ. 20.) Чунин ҳолат дар дигар саҳифаҳо низ ба мушоҳида мерасад.

5. Диссертатсия аз хатогиҳои техникию имлоӣ холӣ нест. Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, хусусияти тавсиявӣ

доранд. Онҳо арзиши илмии рисоларо кам намекунанд ва диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзӯи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Диссертатсия ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳо, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳо, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

**Мудири кафедраи забони франсавии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, дотсент** **Султонзода С.А.**

Реквизитҳо:
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003
992 (37) 938148639,
sultonzoda83@mail.ru

**Имзои доктори илмҳои фалсафа,**
**дотсент С.А. Султонзодаро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода А.**

28.10.2023

ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003